Пурсишҳо ва посухҳо



Дафтари ҳифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло


بسم الله الرحمن الرحیم

Коди пурсиш: 94

Аҳком

Аҳкоми вузу, ғусл ва таяммум

Нависандаи пурсиш:

Ризо Розӣ

Аҳкоми вузу, ғусл ва таяммум

بسم الله الرحمن الرحيم

Нависандаи пурсиш: Ризо Розӣ **Тарихи пурсиш:** 26/12/2015

Оё бо ғусли ҷумъа ва сойири ғуслҳои воҷиб ва мустаҳаб метавон намоз хонд?

Вузу гирифтан баъд аз ғусли ҷанобат ё ғуслҳое ки кифоят аз вузу мекунанд чи ҳукме дорад? Оё лағв аст? Яъне чи?

Посух ба пурсиши шумораи: 1 **Тарихи посух ба пурсиш:** 29/12/2015

Ҳақ он аст ки ғусл кардан аз ҷанобат барои намоз кифоят мекунад ва пас аз он ниёзе ба вузу гирифтан нест ва ин мубтанӣ бар зоҳири китоби Худованд аст ки фармудааст: ﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَقْرَبُوا الصَّلَاةَ وَأَنْتُمْ سُكَارَىٰ حَتَّىٰ تَعْلَمُوا مَا تَقُولُونَ وَلَا جُنُبًا إِلَّا عَابِرِي سَبِيلٍ حَتَّىٰ تَغْتَسِلُوا﴾ (Нисоъ/ 43); <<Эй касоне ки имон овардед! Ба намоз наздик нашавед дар ҳоле ки маст ҳастед то он гоҳ ки бидонед чи мегӯйед ва на дар ҳоле ки ҷунуб ҳастед магар барои гузаштан аз роҳе то он гоҳ ки ғусл кунед>>, бо таваҷҷуҳ ба инки ғусл карданро ғояти ҳурмати наздик шудан ба намоз дар ҳоли ҷанобат дониста ва мафҳуми он ҷавози наздик шудан ба намоз пас аз ғусл кардан аз ҷанобат аст ва бо ин васф, вузу гирифтан барои намоз пас аз ғусл кардан аз ҷанобат, воҷиб нест, балки таҳсили ҳосил шумурда мешавад.

Аммо оё ғусл кардан аз ғайри ҷанобат низ барои намоз кофӣ аст? Ҳақ он аст ки оре; Чароки мусалламан ҳадси ҳосил аз ҷанобат, шадидтар аст ва ҳаргоҳ ғусл аз он барои намоз кофӣ бошад, ғусл аз ғайри он ба тариқи авло кофӣ хоҳад буд ва ин қавли аҳли байти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ва қавли бисёрӣ аз саҳоба ва тобеъон аст; Чунонки яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт:

«سَمِعْتُ ٱلْمَنْصُورَ ٱلْهَاشِمِيَّ ٱلْخُرَاسَانِيَّ يَقُولُ: ٱلْغُسْلُ ٱلْوُضُوءُ ٱلْأَكْبَرُ! قُلْتُ: إِنَّهُمْ يَقُولُونَ لَا يُجْزِي عَنِ ٱلْوُضُوءِ إِلَّا ٱلْغُسْلُ مِنَ ٱلْجَنَابَةِ! قَالَ: سُبْحَانَ ٱللَّهِ! أَيُجْزِي ٱلْغُسْلُ مِنَ ٱلْجَنَابَةِ وَ لَا يُجْزِي ٱلْغُسْلُ مِنَ ٱلْحَدَثِ ٱلْأَصْغَرِ؟! أَفَلَا يَعْقِلُونَ؟!»; <<Шунидам ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ мефармояд: Ғусл, вузуъи

бузург аст! Гуфтам: Онҳо мегӯянд ки аз вузу кифоят намекунад магар ғусли аз ҷанобат! Фармуд: Худованд муназзаҳ аст! Оё ғусли аз ҷанобат кифоят мекунад ва ғусли аз ҳадаси кӯчактар кифоят намекунад?! Оё пас ақлро ба кор намебаранд?!>>.

Бо ин васф, вузу гирифтан пас аз ғусл кардан, кори беҳудае аст, балки илтизом ба он бидъат ва васвос шумурда мешавад; Чунонки яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт:

«سَمِعْتُ ٱلْعالِمَ يَقُولُ: ٱلْوُضُوءُ بَعْدَ ٱلْغُسْلِ بِدْعَةُ ٱلْمُتَكَلِّفِينَ»; <<Шунидам олим мефармояд: Вузу гирифтан пас аз ғусл кардан, бидъати мутакаллифон аст>>!

Оре, вузу гирифтан пеш аз ғусл кардан ишколе надорад; Чунонки яке аз ёронамон моро хабар дод, гуфт:

«كُنْتُ أَتَوَضَّأُ بَعْدَ ٱلْغُسْلِ لِما أَجِدُ فِي نَفْسِي فَأَرَدْتُ أَنْ أَسْأَلَهُ فَنَسِيتُ فَلَمّا دَخَلْتُ عَلَيْهِ قالَ لِي: لَعَلَّكَ تَتَوَضَّأُ بَعْدَ ٱلْغُسْلِ! قُلْتُ: نَعَمْ وَ أَرَدْتُ أَنْ أَسْئَلَكَ فَنَسِيتُ! قالَ: فَلا تَفْعَلْ فَإِنْ أَبَيْتَ إِلّا أَنْ تَفْعَلَ فَتَوَضَّأْ قَبْلَ ٱلْغُسْلِ لا بَعْدَهُ فَإِنَّ ٱلْوُضُوءَ بَعْدَ ٱلْغُسْلِ إِسْرافٌ وَ إِنَّ ٱللّهَ لا يُحِبُّ ٱلْمُسْرِفِينَ»; <<Ман ба сабаби чизе ки дар дилм меёфтам, пас аз ғусл кардан вузу мегирифтам, пас хостам ки аз он ҳазрат дар бораш бипурсам вале фаромӯш кардам, пас чун ба маҳзари эшон расидам ба ман фармуд: Шояд ту пас аз ғусл кардан вузу мегирӣ! Гуфтам: Оре ва мехостам аз шумо бипурсам, вале фаромӯш кардам! Фармуд: (Ин корро) накун, пас агар намехоҳӣ ҷуз онки (ин корро) бикунӣ, пас пеш аз ғусл кардан вузу бигир ва на пас аз он; Чароки вузу гирифтан пас аз ғусл кардан исроф аст ва Худованд исроф кунандагонро дӯст намедорад>>!

Таълиқи шумора: 1 **Тарихи таълиқ: 31/07/2019**
Нависандаи таълиқ: Саъид Қодирӣ

Лутфан дар бораи кифояти ғусл аз вузу бештар тавзиҳ диҳед. Оё намоз хондан бо ҳар ғусле саҳиҳ аст? Яъне ҳар бор ки ба ҳаммом рафтем метавонем нияти ғусл кунем ва бо он намоз бихонем бидуни инки вузу бигирем?

Аҳкоми вузу, ғусл ва таяммум

Посух ба таълиқи: 1 **Тарихи посух ба таълиқ: 04/08/2019**

Ривоёти фаровоне дар бораи кифояти ғусл аз вузу расида; Монанди ривояти Оиша ки дар он омадааст: «إِنّ النَّبِيَّ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ كَانَ لا يَتَوَضَّأُ بَعْدَ الْغُسْلِ» (Муснади Таёлусӣ, с198; Муснади Аҳмад, ҷ6, с68; Сунани Тирмизӣ, ҷ1, с72; Сунани Насоъӣ, ҷ1, с137; Муснади абӣ Яъло, ҷ8, с25; Мустакбирул Аҳком, ҷ1, с153); <<Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам баъд аз ғусл вузу намегирифт>> Ва ривояти дигари ӯ ки дар он омадааст: «كَانَ رَسُولُ اللَّهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ يَغْتَسِلُ وَيُصَلِّي الرَّكْعَتَيْنِ وَيُصَلِّي الْغَدَاةَ وَلا أَرَاهُ يُحْدِثُ وُضُوءًا بَعْدَ الْغُسْلِ» (Муснади Ибни Роҳувей, ҷ3, с857; Муснади Аҳмад, ҷ6, с154; Сунани абӣ Доввуд, ҷ1, с63; Мустадраки Ҳоким, ҷ1, с153; Сунани Байҳақӣ, ҷ1, с179); <<Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ғусл мекард ва ду ракат намоз мегузорд ва намози субҳро мегузорд ва намедидам ки баъд аз ғусл вузу бигирад>> Ва ривояти Анас ва ибни Аббос аз Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ки дар он омадааст: «لَيْسَ مِنّا مَنْ تَوَضَّأَ بَعْدَ الْغُسْلِ» (Ромҳурмузӣ, Ал-Ҳаддул Фосил, с345; Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул Авсат, ҷ3, с243; Ҳамон Ал-Мӯъҷамул Кабир, ҷ11, с286); <<Аз мо нест касе ки баъд аз ғусл вузу мегирад>> Ва ривояти ибни Умар ки дар он омадааст: «إِنّ النَّبِيَّ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ سُئِلَ عَنِ الْوُضُوءِ بَعْدَ الْغُسْلِ، فَقَالَ: وَأَيُّ وُضُوءٍ أَفْضَلُ مِنَ الْغُسْلِ؟!» (Мустадраки Ҳоким, ҷ1, с154; من وافق اسمه اسم أبيه للأزدى, ҷ1, с26); <<Аз Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам дар бораи вузу баъд аз ғусл пурсидам, пас фармуд; Кадом вузу беҳтар аз ғусл аст?!>> Ва ривояти Муҳаммад ибни Муслим аз Абу Ҷаъфари Боқир алайҳи салом ки дар он овадааст: «الْغُسْلُ يُجْزِي عَنِ الْوُضُوءِ وأَيُّ وُضُوءٍ أَطْهَرُ مِنَ الْغُسْلِ؟!» (Тувсӣ, Таҳзибул Аҳком, ҷ1, с139); <<Ғусл аз вузу кифоят мекунад ва кадом вузу покизатар аз ғусл аст?!>> Ва ривояти Аммори Соботӣ ки дар он омадааст: «سُئِلَ أَبُو عَبْدِ اللَّهِ عَلَيْهِ السَّلامُ عَنِ الرَّجُلِ إِذَا اغْتَسَلَ مِنْ جَنابَتِهِ، أَوْ يَوْمَ جُمُعَةٍ، أَوْ يَوْمَ عِيدٍ، هَلْ عَلَيْهِ الْوُضُوءُ قَبْلَ ذٰلِكَ أَوْ بَعْدَهُ؟ فَقالَ: لا، لَيْسَ عَلَيْهِ قَبْلُ وَلا بَعْدُ قَدْ أَجْزَأَهُ الْغُسْلُ، وَالْمَرْأَةُ مِثْلُ ذٰلِكَ إِذَا اغْتَسَلَتْ مِنْ حَيْضٍ أَوْ غَيْرِ ذٰلِكَ، فَلَيْسَ عَلَيْهَا الْوُضُوءُ لا قَبْلُ ولا بَعْدُ، قَدْ أَجْزَأَهَا الْغُسْلُ» (Тувсӣ, Таҳзибул Аҳком, ҷ1 с141); <<Аз Абу Абдуллоҳи Содиқ алайҳи салом дар бораи марде пурсидам ки аз ҷанобат ғусл мекунад, ё дар рӯзи ҷумъа, ё дар рӯзи ид, оё

қабл ё баъди он бар ӯҳдаи ӯст ки вузу бигирад? Фармуд: На, қабл ё баъди он бар ӯҳдаи ӯ нест, ғусл барои ӯ кифоят кардааст ва зан ҳам ҳамин тавр аст, ҳаргоҳ аз ҳайз ё чизӣ дигар ғусл кунад бар ӯҳдаи ӯ вузу нест, на қабл ва на баъд, ғусл барои ӯ кифоят кардааст>> Ва ривояти Сулаймон ибни Холид аз Абу Ҷаъфари Боқир, ва ривояти Абдуллоҳ ибни Сулаймон аз Абу Абдуллоҳи Содиқ алайҳи салом ки дар он омадааст: «الْوُضُوءُ بَعْدَ الْغُسْلِ بِدْعَةٌ» (Кулайнӣ, Ал-Кофӣ, ҷ3, с45; Тувсӣ, Таҳзибул Аҳком, ҷ1, с140); <<Вузу баъд аз ғусл бидъад аст>> Ва ин қавли бисёрӣ аз саҳоба ва тобеъин аст (нигоҳ кунед ба: Мусаннафи Абдурразоқ, ҷ1, с270; Мусаннафи ибни Абӣ Шейба, ҷ1, с88; Сунани Тирмизӣ, ҷ1, с72) Ва аз он рӯ пазируфта мешавад ки бо китоби Худованд созугорӣ дорад; Чароки китоби Худованд ғуслро бартараф кунандаи ҳадаси бузургтар донистааст ва бо ин васф, ба тариқи авло ҳадаси кӯчактарро бартараф мекунад ва ин аз боби қиёси авлавият аст ки ҳукмӣ ақлӣ маҳсуб мешавад; Бо таваҷҷуҳ ба инки ғараз аз вузу <<Таҳорат барои тақарруб ба Худованд>> аст; Чунонки фармудааст: ﴿مَا يُرِيدُ اللَّهُ لِيَجْعَلَ عَلَيْكُمْ مِنْ حَرَجٍ وَلَٰكِنْ يُرِيدُ لِيُطَهِّرَكُمْ﴾ (Моъида/ 6); <<Худованд намехоҳад ки бар шумо машаққате қарор диҳад, бал мехоҳад ки шуморо покиза кунад>> Ва ин ғараз бо ғусл –ба наҳви аҳсан– ҳосил мешавад; Чунонки фармудааст: ﴿وَإِنْ كُنْتُمْ جُنُبًا فَاطَّهَّرُوا﴾ (Моъида/ 6); <<Ва агар ҷунуб будед, покиза шавед>> яъне ғусл кунед, балки чи басо аз боби зуҳури лафз дар мафҳум мувофиқ аст; Зеро кофӣ донистани ғусли ҷанобат аз вузу ин маъноро мерасонад ки ғусл аз вузу кифоят мекунад; Ба ин маъно ки ҳар ду ҳадисро бар медорад; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки ғусли ҷанобат бо сойири ғуслҳо мутафовит нест; Чароки кайфияти ҳами онҳо яксон аст ва қасди қурбат дар ҳамаи онҳо вуҷуд дорад.

Оре, ғуслҳойе ки сабаби шаръӣ надоранд, холӣ аз тафовут нестанд; Чароки амри вуҷубӣ ё истеҳбобӣ ба онҳо нарасидааст ва бо ин васф, анҷоми онҳо имтисол маҳсуб намешавад ва ҷанбаи таъссӣ ба Паёмбар ё хулафоъи рошид ва Маҳдии ӯ надорад; Фориғ аз онки инсирофи лафзи ғусл дар шаръ ба ғуслҳои маъаҳуд ва маъруфи шаръӣ баъид нест. Аз ин рӯ,

эҳтиёт воҷиби он аст ки қабл аз ғуслҳои бесабаб вузу гирифта шавад; Бар хилофи ғуслҳойе ки шаръ онҳоро воҷиб ё мустаҳаб шумурдааст ва онҳо ба тартиби зеранд:

1 . Ғусли ҷанобат

2 . Ғусли ҳайз

3 . Ғусли нифос

4 . Ғусли истиҳоза

5 . Ғусли масси маййит

6 . Ғусли ҷумъа

7 . Ғусли иди фитр

8 . Ғусли иди қурбон

9 . Ғусли эҳром барои ҳаҷ ё умра

10 . Ғусли тавба аз куфр

11 . Ғусли шабҳои нуздаҳум, бисту якум ва бисту севвуми моҳи рамазон

12 . Ғусли рӯзи арафа

13 . Ғусли вуруд ба Макка ва Мадина

14 . Ғусли вуруд ба Масҷидул Ҳаром ва Масҷидул Набӣ саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам

15 . Ғусл ба сабаби касуф ва хусуф барои адо ё қазои намози оёт

16 . Ғусл барои истисқоъ

17 . Ғусл баъд аз ба ҳуш омадан аз беҳушӣ

Инҳо ғуслҳойе ҳастанд ки ривоёти мӯътабар ва машҳуре дар манобеъи фариқайн дар бораи онҳо расидааст ва аз ин рӯ, метавон онҳоро воҷиб ё мустаҳаб донист ва қабл аз онҳо вузу нагирифт, ҳар чанд ғуслҳои дигаре низ ривоят шудаанд

ки анҷоми онҳо ба умеди истеҳбоб ишколе надорад; Монанди ғусли шаби аввал ва шаби ҳабдаҳуми моҳи рамазон ва ғусли рӯзи ҳаштуми зулҳиҷҷа ва ғасли истихора ва ғусли мубоҳила ва ғусли намози ҳоҷат, вале беҳтар аст ки қабл аз онҳо вузу гирифта шавад; Ҳамчунонки эҳтиёти воҷиб, вузу гирифтан қабл аз ғуслҳойе аст ки дар бораи онҳо ривояте нарасидааст ва анҷоми онҳо бо қасди имтисол ё таъссӣ нест.

Барои огоҳӣ аз кайфияти ғусл, ба пурсиш ва посухи 303 мурочиъа кунед.

Дафтари хифз ва нашри осори Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
Бахши посухгӯй ба пурсишҳо



* Лутфан бар рӯй линки мавриди назари ҳуд клик кунед.
Линки матлаби боло
Саҳифаи фесбуки пойгоҳ
Саҳифаи канали телегроми пойгоҳ